## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти мазкур дар замони муосир аҳамияти зиёд дорад, чунки таҳияи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеа ва замон мебошанд, вазифаи муҳим ва масъулиятноки мақомоти ҳуқуқэҷодкунию қонунгузор мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун воситаи самараноки таҳлилу арзёбии қонунҳо дар таҷрибаи бисёр кишварҳо истифода шуда, дар Тоҷикистон низ ҳамчун механизм барои такмили қонунгузорӣ ба кор гирифта шудааст. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар он ба масъалаи мукаммали қонунгузорӣ ва ташкили мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ дода шуд, инро тасдиқ мекунад. Маркази миллии қонунгузорӣ, ки барои мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсис ёфтааст, бо гузаронидани экспертизаҳои ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нақши муҳимро дар беҳтар намудани сифати қонунгузорӣ ва мукаммал кардани механизмҳои татбиқшавии қонунҳо мебозад.

Бо вуҷуди ташаббусҳои мавҷуда, дар амалия мушкилот ва норасоиҳо дар самти мониторинги қонунгузорӣ ба назар мерасанд. Масалан, муқаррароти возеҳи қонунӣ оид ба мониторинги ҳуқуқӣ ва механизми коркард ва татбиқи он ҳанӯз вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаи мониторинги қонунгузорӣ ва таҳлили механизми он барои такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ аст. Илова бар ин, дар шароити муосир, ки муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мунтазам тағйир меёбанд, нақши мониторинги қонунгузорӣ бештар эҳсос мегардад. Барои мустаҳкам кардани устувории низоми ҳуқуқӣ ва таъмини иҷрои дурусти қонунҳо дар шароити муосир, муҳим аст, ки усулҳои мониторинг дар конунгузорӣ ва татбиқи онҳо мунтазам такмил дода шавад. Инчунин, бояд ба беҳтар намудани ҳамоҳангӣ байни ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ ва таҳкими ҳамкорӣ байни мақомот таваҷҷуҳи бештар зоҳир шавад, то ки ҳамаи ҷиҳатҳои муҳими қонунсозӣ ва татбиқи он ба самараи бештар ноил гарданд.

Бинобар ин, бо дар назардошти нуктаҳои дар боло зикршуда омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар шароити

муосир мубрам ва зарур мебошад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад. Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки бори аввал дар таҷрибаи илми назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат кӯшиши таҳлили мукаммали мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот холигии мавҷудаи назариявию амалиро пур намуда, омӯзиши механизми пурраи мониторинги қонунгузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои таҳризшавандаи Комиссияи олии аттестатсонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи: «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқ мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Раҷабзода Равшан Муҳитдин -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- **Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири калони муовини якуми Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи давлат ва
ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шарофзода Р.Ш.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
директори Маркази исломшиносӣ дар
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Холиқзода А.Ғ.**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои
байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе **Диноршоҳ А.М.**

Имзои Шарофзода Р.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Шодихонзода Э.Ш.**
«01» 12 2025 с.

Имзои Холиқзода А.Ғ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори БК, ҳуқуқ ва КМ МИ дар назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Анҷуманова Г.А.**
«1» 12 2025 с.

Имзои Диноршоҳ А.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва
корҳои махсуси филиали Донишгоҳи давлатии
Москва ба номи М.В. Ломоносов
дар шаҳри Душанбе **Пирназар С.М.**
«1» 12 2025 с.